**«Тасдиқ мекунам»**
**Директори Институти забон**
**ва адабиёти ба номи Рӯдакии**
**АМИТ, номзади илмҳои филологӣ**
**Шарифзода Б.Б.** ________
«_17_» __02______ _2022_

# ХУЛОСАИ
# ШУЪБАҲОИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ВА ФОЛКЛОРИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН (ТАКРОРӢ)

Диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович таҳти унвони «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович соли 2011 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2016 то ҳол дар шуъбаи фолклор ба ҳайси ходими илмӣ фаъолият мебарад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшонии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ Охониёзов Варқа Дӯстович мебошад.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии ӯ «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ**. Мақсади асосии пажӯҳиш ва ҳалли вазифаҳои диссертатсия талаби пешниҳод ва ҳимояи масъалаҳои асосии зеринро ба миён овард:

- Ривоятҳои дар миёни мардум интишорёфта аз зумраи муҳимтарин сарчашмаҳо дар муайян намудани воқеаву ҳодисаҳои ҳаётӣ ва шинохти шахсияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳисоб мераванд.
- Таҳлили ривоятҳои мардумӣ дар бораи паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт, истеъдод, муносибати Рӯдакӣ ва муқоисаи онҳо бо воқеаҳои дар сарчашмаҳои таърихӣ сабтшуда ва дар ашъори шоир инъикосгардида мувофиқтарин восита дар тасдиқ ё инкори муҳтавои ин ё он ривоят мебошад.
- Ашъори бозмондаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ намунаи олии таъсирпазирии адабиёт ва махсусан шеъри замони Сомониён аз адабиёти шифоҳӣ мебошад.

- Тасвири табиати диёр, ҷашну маросимҳо ва бовару эътиқодоти мардумӣ дар шеъри Рӯдакӣ, аз як тараф, халқияти ашъори шоирро нишон диҳад, аз тарафи дигар, он ҳисси миллӣ ва арҷгузории анъаноту маросимҳоро таҷассум мекунад.

- Таҳлили ҷанбаҳои фолклории намунаҳои ашъори Рӯдакӣ бори дигар собит сохт, ки адабиёти шифоҳӣ ба тафаккур, ҳаёт ва тахайюлоти мардум наздикии қавӣ доштааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳлил ва тарзи пажӯҳиш дар рисола арзишҳои махсуси назариро барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, дар диссертатсия нахустин маротиба се тарзи зерини таҳлили ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба роҳ монда шуданд, ки барои пажӯҳишҳои минбаъда ҳамчун усули назарӣ истифода бурдани онҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд:

1) Муқоисаи воқеаҳо ва санаҳои ривоятҳои мардумӣ дар бораи Рӯдакӣ бо санаҳои воқеии ҳаёти шоир ва тасдиқ ё инкори мавҷудияти воқеии онҳо.

2) Таҳлили ҳунар ва истеъдоди шоир дар масъалаи истифода аз намунаҳо, асотир, гуфтор, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо, чеҳраҳои асотирӣ ва амсоли инҳо, ки нишондиҳандаи ҳунари ӯ, аз як тараф ва нишондиҳандаи сабаби иштиҳораш дар миёни омма, аз сӯи дигар, гардиданд.

3) Ҷойгоҳи ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардум дар ашъори Рӯдакӣ арзиши бузурги тарбиявӣ ва маърифатиро доро мебошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи дар диссертатсия таҳлилшуда метавонад ба таври дастрас ва сода дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад, зеро он барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи пешниҳодшуда қадами нахустин дар омӯзиши нақши ривоятҳо, ба мақсади боз ҳам беҳтар ва амиқтар муайян намудани санаҳои таърихӣ ва ҳаётии даврони Рӯдакӣ, муқоисаи онҳо бо ашъори шоир, таъсири бевоситаи фолклор ба маҳорату ҳунари эҷодии ӯ мебошад. Дар доираи чунин таҳлил, бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик, нақши ривояту нақлҳо дар муайян намудани дараҷаи ҳунари шоир, шахсият ва хулқу симои ӯ, таъсири тарафайни ашъори шоир ва осори шифоҳӣ муайян гардид.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия инҳоянд:**

1. Нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани санаҳои ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муқоисаи ин санаҳо бо маълумоти тазкираву осори таърихии мавҷуда;
2. Муайян намудани муносибати мардум ба ҳунар ва истеъдоди шоирӣ, табибӣ ва машшоқиву овозхонии Рӯдакӣ дар асоси нақлу ривоятҳои мардумӣ;

3. Намоиши дараҷаи ҳунари Рӯдакӣ дар истифода аз осори шифоҳӣ ва истилоҳоти фолклорӣ, корбурд аз зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори шоир;

4. Мушаххас намудани ҷойгоҳи унсурҳои асотирӣ, чеҳраҳои асотириву фолклорӣ ва қиссаву ривоят ва достонҳои куҳан дар шеъри Рӯдакӣ;

5. Бозтоби моҳияти анъанаҳо ва суннатҳои миллӣ, мисли ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Рӯдакӣ;

6. Муқоисаи нақши бовару эътиқодоти мардум дар ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ.

**Мақолаҳое, ки аз рӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Исмоилов Ф. Тасаввури мардум дар хусуси ишқи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Шумораи 6. 2018. - С. 281-283.

2. Исмоилов Ф. Баёни чанд намунаи луғаз ё чистон дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Шумораи 8. 2018. – С. 180-184.

3. Исмоилов Ф. Инъикоси одобу русуми озодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 4. 2018. – С. 141-149.

4. Исмоилов Ф. Тасвири як ҳайвони заҳматқарин дар намунаҳои осори шифоҳӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. №1, 2021. – С. 148-165.

**б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ**:

5. Исмоилов Ф. Ривоятҳои таърихии тоҷикӣ ва таснифи онҳо / Ф. Исмоилов // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. Шумораи 3-4 (14). 2015. С. 65-69.

6. Исмоилов Ф. Корбурди зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 3. 2016. - С. 139-148.

7. Исмоилов Ф. Бозтоби бархе аз устураҳои тахайюлӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. Шумораи 2. 2017. - С. 135-145.

8. Исмоилов Ф. Корбурди истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. Шумораи 4 (40), 2017. - С. 99-105.

9. Исмоилов Ф. Рӯдакӣ ва ҷашни Меҳргон / Ф. Исмоилов // Самак. Ҳафтаномаи таърихӣ-тадқиқотӣ. Шумораи 47 (316), 2017. - С. 13.

10. Исмоилов Ф. Бозтоби чеҳраҳои асотирӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ / Ф. Исмоилов // Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. Шумораи № 5 (27). 2021. – С. 146-160.

Шуъбаҳои таърихи адабиёт ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақуловичро кори илмии баанҷомрасида ва муҳим меҳисобад, ки дар

сатҳи матлуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бино бар ин, диссертатсияи мазкурро ба сексияи адабиётшиносӣ ва дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.
Иштирок доштанд: 12 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0, «бетараф» - 0
Қарори № 9 аз 15 –уми феврали соли 2022.

**Раиси муштараки ҷаласаи шуъбаҳои таърихи адабиёт ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои филологӣ, профессор:** **Сатторов А.**
**тел: +(992)551118303**
**E-mail: sattorzoda@list.ru**

**Котиби ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёт, номзади илмҳои филологӣ:** **Маликова А.**
**тел: +(992)915041975**
**E-mail: anzuratm-2005@mail.ru**

**Имзои А. Сатторов ва А. Маликоваро тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** **Назриқулова Ҳ.**
**Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21**
**тел: 221-70-30, 221-32-02**
**E-mail:nazira. Sharipova.97 @mail.ru**